**Тақризи**

**роҳбари илмии рисолаи номзадии Амроев Умедҷон Мамадхонович «Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 -Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), профессор Аскаралӣ Раҷабов.**

Омӯзиши масоили мубраму камтаҳқиқшудаи таърих ин бозсозии бонизому воқеъбинонаи дирӯзу имрӯз тавассути гирдоварию арзёбӣ ва исботи воқеаҳо, дастёб шудани натиҷаи пажӯҳиш қобили пазириш буда, дар ин сурат баррасии татбиқии манобеи таърихӣ метавонад рӯйдодҳои гузаштаро тасвир намояд.

Таҳқиқи як манбаи таърихӣ ва шиносоии ҷойгоҳи он дар омӯзиши таърих авлавияти хоса дорад. Дар ин росто баррасии татбиқии ин ва ё он мавзуъ бо манобеи ҳамдавраш аҳамияти таърихии ин асар, диққати муаллиф дар баёни рӯйдод ва истифода аз манбаи муътамадро равшан карда, баёни ҳаводис ва камбудиҳои онро мушаххас менамояд. Илова бар ин, ба шинохти дақиқтари фазоӣ, фикрӣ ва сиёсии он давра омӯзиши татбиқии манбаи таърихии ҳамдавра кумак мекунад. Натиҷагирии зеҳнии муаллифи асари таърихӣ дар мавзуоти мавриди таваҷҷуҳаш ва санҷиши матолиби баённамуда ва татбиқи он бо манобеи умдаи хаттӣ тасвирҳои воқеии ҳодисаҳои таърихиро барои таткиқот замина фароҳам меоварад.

Рисолаи унвонҷӯ Амроев Умедҷон Мамадхонович «Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» омӯзиши илмии таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият нахустинбор ба риштаи таҳқиқ омада мебошад.

Дар рисола бо такя ва гирдоварии васеи асноди бойгонии камомӯхташуда ва мусоҳибаҳои зиёд бо ходимони театр, фарҳангиёни вилоят, муаллиф ҷараёни вазъ, таҳаввулоти театрҳои касбии вилояти Хатлонро дар солҳои 90-уми садаи XX, пешрафти фаъолияти онҳоро дар ибтидои асри XXI ба риштаи таҳқиқ оварда, муҳиммияти онро бар пояи асноди васеи бойгонӣ дар муқоиса ба гузориши ходимони театрҳо, навиштаҳои банашр расида равшан намуда,ҷойгоҳи театрҳои вилоятро дар таърихи театри касбии таърих халқи тоҷик мушаххас созад.

Аҳамияти таҳқиқи масъалаи ташаккул ва рушди театрҳои касбӣ (вилояти Хатлон) дар давраи муосир таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои стратегии давлат, ки ҳамагӣ ба таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мусоидат менамояд. Таъкид ба ёдоварист,ки пажӯҳиши мавзӯи мазкур проблемаю муаммоҳое, ки дар рушди такомули театрҳои касбии вилоят то ҷое монеа шуданд, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ ошкор менамояд.

Ҳамчунин муаллифи рисола барои муайян намудани аҳамият ва нақши муассисаҳои театрӣ дар ташаккули маънавиёти мардуми вилоят кушиш ба харҷ дода, барои исботи нукоти хеш такя ба истифодаи муқоисавии маводи бойгонӣ, сарчашма, асноди фаровони таърихӣ, гузориши кормандони театр, фарҳанг фаъолияти театрҳои вилоятро илман натиҷагирӣ намудааст.

Чуноне ки хотирнишон шуд, мавзуъ бори нахуст аз пажӯҳиши ҷиёсӣ мегузарад ва бидуни тардид муҳим будани мавзуи мавриди таҳқиқ пеш аз ҳама дар ин зоҳир мегардад. Рисола аз ду боб ва шаш зербоб иборат буда, сохтори он бо низоми мантиқӣ матраҳ гардида, муаллиф бо риояи чаҳорчӯби замонӣ ҳадафҳои муайяншуда рисолаашро баррасӣ намуда, вазифаҳои дар наздаш гузоштаро иҷро намудааст.

Новобаста аз мушкилоти солҳои соҳибистиқлоли ҷумҳурӣ, санъати театрии вилоят бо пешрафту комёбиҳои ҳунарӣ рӯйи саҳна омаданд. Истиқлолият барои театр дар баробари имконоти нави эҷодӣ фароҳам овардан, инчунин имтиҳони ҷиддие низ дар роҳи нигоҳ доштани ин

санъати воло ва боло бурдани сатҳи малакаву маҳорати касбӣ гашт. Сиёсати фарҳангии давлат имрӯз ба эҳёи фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди фарҳанги миллӣ мусоидат намудааст. Бо талаби замон театр ба мавзӯҳои нав, аз ҷумла ба масоили таърихӣ, таҳким бахшидани ҳофизаи таърихию бедор намудани ифтихори миллӣ, эҳёи суннатҳои мардумии театрӣ ва масоили доғи рӯз рӯ оварда, ба комёбиҳои назарраси эҷодӣ ноил гардид.

Амроев У.М. дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ба тарзи баён ва гуногунрагии назарҳо дар рисолаҳои «Санъати режиссерии Тоҷикистон дар солҳои 80-ум ва 90-уми асри XX»-и Эдгар Е. Р, «Инъикосёбии воқеъаҳои таърихӣ дар маданияти театрҳои муосири тоҷик»-и Табаров М. С. ва «Таърихи омӯзиши фарҳанги мусиқии Тоҷикистон (1946 - 2015)»-и Акрамова С. Х. пайдо намуда, онҳоро бо ҳам қиёс намудааст.

Зимни ин барои асосманд намудани хулосаи илмию мантиқӣ ин маволибро бо рисолаҳои дигар аз қабили «Таърихи рушди фарҳанги Тоҷикистон дар замони истиқлолият (1991 - 2011)»-и Каримова Р. Н. «Ислоҳоти иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият (1991 - 2006)»-и Ҳотамов Н. Б. ва «Ҳаёти фарҳангиву иҷтимоӣ – иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи истиқлолият (1991 - 2015)-и Аламов Ҳ. Н. муқоиса намояд.

Пайдост, ки тамоюл, равандҳои асосии инкишофи фарҳангӣ хоси ҷомеаи муосири Тоҷикистон буда, ҳамчунин доир ба тағйироти фарҳанг таҳқиқ шуда, ин рисола аз аввалин хулосаҳои илмист. Дигар ин, ки доир ба таърихи маданӣ ва рушди фаъолияти эҷодии баъзе театрҳои касбии Тоҷикистон дар охири асри XX - сароғози асри XXI, инчунин иштироки натоиҷи театрҳо дар фестивал-озмуни ҷумҳуриявӣ (“Парасту”) ва байналмилалӣ маълумот дода, фарогири давраи пажӯҳишист. Муаллифи рисола ба ин масоил бо такя ба аснод, гузориши дастандаркорони театрҳои вилоят ҷавоби қаноатбахш дода, дар муқоисаи маводи васеи бойгонӣ натиҷагирӣ намуда ва ин усули таҳқиқ дар навиштаҳои дигарон

(доир ба театр) камранг аст.

Дар ҷараёни пажӯҳиш унвонҷӯ ин рисолаҳоро (такя бо маводи бойгонии омории тоза дастраснамудааш) таҳлил намуда, ба хулосае меояд (агарчанде дар навиштаҳои зикршуда, ки фарогири фазо, масоили таърихи фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои истиқлолият аст), баёнгари диду назари гуногун мебошанд. Назари таҳқиқии унвонҷӯ доир ба таърихи тетрҳои касбии вилояти Хатлон (дар солҳои истиқлол) муфассалу равшан аст. Дигар ин ки муҳаққиқон дар навиштаҳояшон танҳо ба зикри баъзе аз паҳлуҳои таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон ишора намудаанд.

Зимни ин унвонҷӯ дар бахши хулосаи рисолааш як силсила пешниҳодҳоро ҳам пеш оварда, то ҷое пазируфтани онҳо дар рушди минбаъдаи соҳаи фарҳанг хоса санъати театрии вилоят заминаи созгорро пеш хоҳад овард. Мазмуну мундариҷаи пайдарҳамӣ ва васли мантиқии бобҳои рисола, таҳлилу натиҷагириҳои илмӣ асоснок шуда мебошанд. Баёни андешаҳо далели он аст, ки унвонҷӯ аз малакаи гирдоварии хуби мавод, диди пазирандаи таҳлилу баррасиаш гӯвоҳӣ дода рисолаи илмии сабкан мукаммале анҷом додааст.

Бо назардошти нукоти зикргардида ва хулосаҳои илмии ба даст овардаи Амроев У.М. «Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» пайдост,ки ӯ дар ин замина таҳқиқоти тоза анҷом дода, дар пажӯҳиши мавзӯи мазкур саҳифаҳои норавшани таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлонро таҳқиқ кардааст.

Мусалламан то кунун дар доираҳои илмии театршиносӣ ва таърихнигории масоили фарҳанг чи дар дохил ва чи берун аз Тоҷикистон таърихи театриҳои касбии вилоят дар алоҳида таҳқиқ нашуда ва бе шак ин рисола метавонад он матолиберо ба илми таърих матраҳ созад, ки аз лиҳози навгонӣ, тадвини масоили илмӣ ва мизони кори таҳқиқотӣ арзиши илмӣ доранд. Дар маҷмуъ метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки рисолаи Амроев Умедҷон Мамадхонович «Таърихи

театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» кори таҳқиқотии наву анҷомёфта буда, натиҷагириҳояш баёнгари муқаррароти асосии пешниҳодшуда барои дифоъи рисолаҳои илмист.Автореферат ҳам инъикоскунандаи маводи пажӯҳишии рисола буда ва мақолоти ба нашр расонидаи унвонҷӯ низ ҳамсон ба талабот ба нашрияҳои илмии эътирофшуда мебошанд.

Аз ин рӯ рисолаи Амроев У.М. аз рӯйи сохтор, мазмун ва баёни матолиби таҳқиқиаш ҳамсону мутобиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Аскаралӣ Раҷабов

Роҳбари илмӣ, Ходими хидматнишондодаи санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Рӯдакӣ, 33 Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
**Телефон:** (+992) (37) 2212806; 939886488; E-mail: askarali.44@mail.ru
24 феврали 2023

Имзои доктори илмҳои таърих,профессор А. Раҷабовро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо Файзуллоева Г.

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО